# ХУЛОСАИ

**комиссияи экспертии шурои диссертатсионии 6D.КОА-021-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон оид ба диссертатсияи номзадии Тағоймуродзода Санифа Тағоймурод дар мавзуи «Ономастикаи “Таърихи Систон”» (баррасии луғавӣ ва сохторӣ) барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз руйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ**

Диссертатсияи номзадии Тағоймуродзода Санифа Тағоймурод дар дар мавзуи «Ономастикаи “Таърихи Систон”» (баррасии луғавӣ ва сохторӣ) ба баррасии марҳилаҳо ва сохторию этникии ономастикаи Таърихи Систон ва таҳлили мавзуҳои номшиносӣ, ки яке аз масъалаи муҳимму рӯзмарра ва нисбатан мураккаби забоншиносӣ маҳсуб мешавад, бахшида шудааст. Муҳаққиқ кӯшиш намудааст, ки бо истифода аз сарчашма ва манбаъҳои фаровони таҳқиқ ва корҳои илмии муҳаққиқони ватанию хориҷӣ хусусиятҳои услубии «Ономастикаи “Таърихи Систон”-ро мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор бидиҳанд. Аз рӯйи нишондоди сарчашмаҳо маълум мешавад, ки саҳми адибон ва мутафаккирони классики тоҷик дар таҳриру баррасии забони асарҳои бадеӣ назаррас будааст. Омӯзишу калимаю истилоҳоти номшиносӣ дар забони асарҳои гаронарзиши насри классикӣ яке аз вазифаҳои муҳим ва мубрами забоншиносони муосири тоҷик маҳсуб мешавад.

Истиқлолият барои таҷдиди арзишҳои миллӣ ва махсусан, посдории асолати забони миллӣ имкониятҳои бесобиқаеро фароҳам овард, ки дар заминаи он илми забоншиносии тоҷик хеле зиёд пеш рафт ва ташаккул ёфт.Аз ин ҷост, ки намунаи беҳтарини асарҳои адибон ва нависандагони гузашта ва муосири тоҷик нуктасанҷона таҳрир шуда, дубора ба нашр расидаанд ва дастраси хонандагони сершумори худ гаштанд, ки онҳо саршори ғизои маънавӣ ҳастанд.

Забоншиносии тоҷик дар баробари риштаҳои дигари илмӣ дар самтҳои мубрами таҳқиқу пажуҳиш, аз ҷумла, дар самти номшиносӣ ва қабатҳои луғавии он рушд карда истодааст. Ба ин васила, вижагиҳои мухталифи забонии асарҳои бадеӣ ва тарзи баёни онҳо аз тарафи олимону забоншиносон мавриди таҳқиқу омӯзиши амиқ қарор гирифтааст. Дар ин замина, таҳлилу таҳқиқи нақши калимаву истилоҳоти соҳаи ономастика яке аз самтҳои назаррас ва қобили қабул муаррифӣ мешавад. Таҳқиқи луғавию сохтории ин соҳаи муҳимму афзалиятноки забони тоҷикӣ яке аз ҷанбаҳои арзишманд маҳсуб ёфта, муҳаққиқонро водор месозад, ки дар заминаи собиқаи таърихӣ ва

дастовардҳои муҳим ба пажуҳиши андарзҳои забони тоҷикӣ пайваста саъйу кушиш намоянд. Дар ин раванд дар илми забоншиносии муосири тоҷик низ таҳлилу баррасӣ намудани соҳаҳои ономастика яке аз вазифаҳои аввалиндараҷаи олимону муҳаққиқони ватанию хориҷӣ ба шумор меравад.

Мубрамияти мавзуъ дар он зоҳир мегардад, ки то ба имрӯз роҷеъ ба Ономастикаи "Таърихи Систон таҳқиқоти илмӣ анҷом напазируфтааст, аз ин рӯ диссертатсияи мазкур дар ин соҳа кӯшиши аввалин аст. Аз ин рӯ, диссартант кӯшиш намудааст, ки хусусиятҳои фардии калима ва истилоҳоти ономастикиро баррасӣ намуда, баромади таърихӣ ва ё этимологияи баъзе аз номҳоро аз сарчашмаҳо аниқ намояд ва дар омӯзишу таҳқиқи онҳо то дараҷае саҳмгузор бошад.

Дар ин рисолааш муҳаккиқ Тағоймуродзода Санифа Тағоймурод роҷеъ ба вожаю истилоҳоти номшиносӣ изҳори ақида намуда, онҳоро бо аз нигоҳи таърихи баромад тафсиру тавзеҳ додааст. Инчунин вижагиҳои услубӣ, таҳрири забонии "Таърихи Систон басо мӯшикофона ва бо як масъулияти баланд анҷом дода, ба риштаи таҳқиқ кашида шудааст. Дар рисола номҳои хеле зиёд аз қабили номҳои ашхоси таърихӣ, номи ҳокимону шоҳзодагон ва ғайраҳо аз асари мавриди таҳқиқ тавзеҳ дода шудааст.

Ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқи диссертатсияи мавриди назар баррасӣ ва таҳлили вожаю истилоҳоти номшиносии асари мазкур ҷамъоварӣ ва баррасии манбаъҳои ташаккул ва инкишофи таърихи калима ва истилоҳоти ономастикӣ дар забони тоҷикӣ, муайян намудани вижагиҳои забонии истилоҳоти номшиносӣ, гурӯҳҳои семантикӣ ва сохторию грамматикии онҳо, инчунин нишон додани меъёрҳову қонунҳои ташаккули вожаву истилоҳоти ономастикӣ ба шумор меравад.

Навгонии таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки дар диссертатсия бори нахуст вожаю истилоҳоти соҳаи номшиносӣ, вижагиҳои истилоҳоти ин соҳа тавзеҳ дода шуда, заминаҳои ташаккули онҳо дар забони тоҷикӣ муайян карда шуданд. Дар рисола меъёрҳои забони адабии тоҷикӣ , вижагиҳои тарҷума ва тафсири забони асарҳои адибони классик ба таври пурра ва мукаммал мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Бинобар ин, рисолаи мазкур кори муҳим ва айнизамонӣ буда, дорои арзиши баланд аст. Мавриди зикр аст, ки таҳқиқоти диссертатсионии мавриди назар бо барнома ва мавзуъҳои илмии даврони муосир робита дошта, ҷиҳати тадриси фанҳои услубшиносию ҳусни баён, забоншиносӣ, назарияи забон ҳамчун маводи ёрирасон кӯмак карда метавонад.

Диссертатсия ба талаботи банди 31-33-и "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон " аз 30-

июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунад. Диссертатсия аз тарафи муаллиф навишта шуда, дорои мазмуну мундариҷаи ягона мебошад. Натиҷа ва нуктаҳои илмии барои ҳимоя пешниҳодшуда саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳад.

Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқоти диссертатсионӣ ба шиносномаи диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01.-Забони тоҷикӣ мувофиқат мекунад.

Натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқ ва тавсияҳои муаллиф дар **8** мақола, аз ҷумла, **5** адади он дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи КОА-и назди Президенти ҶТ ва КОА ФР нашр шудаанд ва 3 адади боқимонда дар маҷаллаҳои дигар рӯи чоп омаданд ва феҳристи онҳо, ки дар охири автореферат оварда шудааст, инъикос ёфтанд. Мақолаҳои чопшудаи унвонҷӯ ва теъдоди онҳо фарогири мазмуну муҳтавои диссертатсия буда, ба талаботи банди 34-35-и "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ", ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунад.

Дар диссертатсияи мавриди назар истифодаи мавод бидуни ишора ба муаллиф, ё маъхаз ба назар намерасад. Ин аз риоя шудани банди 37-и "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ" гувоҳӣ медиҳад.

Дар хулосаи диссертатсия, дастовардҳои таҳқиқ ва моҳияти масъалаҳои меҳварӣ зикр ёфта, дурнамоии кори диссертатсионӣ таъйин шудааст. Аҳаммияти таҳқиқ, навгониҳои илмии диссертатсия ва арзиши амалии онро ба назар гирифта, комиссияи экспертӣ ба чунин хулоса омад, ки диссертатсияи номзадии Тағоймуродзода Санифа Тағоймурод дар мавзуи «Ономастикаи "Таърихи Систон"» (баррасии луғавӣ ва сохторӣ) барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз руйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ таҳқиқоти анҷомёфта буда, ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ аст ва онро барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01. - Забони тоҷикӣ пешниҳод кардан арзишманд аст.

Комиссияи экспертӣ дар асоси банди 60-и "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ" пешниҳод менамояд:

1. Диссертатсияи **Тағоймуродзода Санифа Тағоймурод** дар мавзуи **«Ономастикаи "Таърихи Систон"» (баррасии луғавӣ ва сохторӣ)** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз руйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ,ки дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D. КОА- 021-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон тариқи овоздиҳии

ошкоро ба ҳимоя қабул карда шудааст, барои ҳимоя пениҳод карда шавад.

Комиссияи экспертӣ муҳаққиқони зеринро, ки корҳои илмӣ – таҳқиқотиашон ба ихтисоси 10.02.01-Забони тоҷикӣ мувофиқат мекунад, ба ҳайси муқарризони расмӣ тавсия медиҳад:

**1.Расулов Суҳайлӣ Мирқозиевич**-доктори илми филология, профессор,мудири кафедраи забони тоҷикии Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода;

**2.Абдусамадзода Эраҷ Абдусамад**-номзади илми филология, муовини ректор оид ба таълими Донишгоҳи давлатии Кӯлоб;

3. **Ба сифати муассисаи пешбар**: Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ пешниҳод карда шавад

4. Барои гузоштани эълони ҳимоя матни диссертатсия ва автореферати он дар сомонаҳои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис ва ирсол гардидани он ба суроғаҳои таъйиншуда иҷозат дода шавад,

**Раиси комиссияи экспертӣ:**
доктори илмҳои филология, профессор,
узви шурои диссертатсионӣ Гадоев Н.

**Узви комиссияи экспертӣ:**
доктори илмҳои филология, профессор,
узви шурои диссертатсионӣ Мирзоева М.М.

**Узви комиссияи экспертӣ:**
доктори илмҳои филология, профессор,
узви шурои диссертатсионӣ Баротзода С.Ҳ.

“10 марти 2025”